# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**

Синну соли хурди мактабӣ дар ташаккули таҳкурсии солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии хонандагон муҳим ҳисобида мешавад, зеро маҳз дар ин давра рушди босуръати узвҳои бадан ва ташаккули системаи функсионалии он ба амал омада, таҳкурсии асосии шахсият гузошта шуда, муносибат ба худ ва атрофиён такмил меёбанд.

Масъалаи солимии хонандагони синни хурди мактабӣ ҳамеша дар маркази диққати омӯзгорон, таҳқиқотчиён ва сотсиологҳо қарор дошта, таваҷҷӯҳ ба он ҳоло ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Махсусан, дар замони имрӯза тағирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо ба бозингарӣ, балки ба ихтилофоти нуқтаи назари олимон, таҳқиқотчиён ва муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба мақсад ва мундариҷаи рушди ҷисмонӣ ва равонии хонандагон оварда расонидааст.

Рисолаи илмии муҳаққиқ Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб маҳз ба таҳқиқи масъалаи мазкур, ташаккули заминаи дониш ва малакаҳои амалии тарзи ҳаёти солим, шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва фаҳмиши дурусти моҳияту муҳтаво ва технологияи таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароиту муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст.

Боиси зикр аст, ки дар рисола, зимни баррасии масъалаи таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили

муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таъмини муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим ҳамчун ҷузъи таркибии ташаккули фарҳанги тандурустӣ арзёбӣ гардидааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро тадқиқ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда технологияҳои муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумро коркард ва татбиқ намудааст.

Муаллиф дар бораи шаклгирии тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ба сифати масъалаи педагогӣ, дуруст қайд кардааст, ки дар синни кӯдакию наврасӣ инсон суръати тези инкишофи ҷисмониро аз сар мегузаронад, ки он аз паси худ инкишофи равонию ақлӣ, ахлоқию иродавии ӯро таъмин менамояд. Фаъолияти асабҳо, узвҳои нафаскашӣ, гардиши хун ва устухону мушакҳо такмил ёфта, тансиҳатӣ, солимии равонию ҷисмонӣ пайгирӣ карда мешавад. Тандурустии инсон 60% ё бештар аз тарзи ҳаёт (изо, парҳез, фаъолияти ҷисмонӣ, сатҳи ҳаяҷону изтироб, одатҳои бад ва рафтори харобкунанда) вобаста аст. Аз ин лиҳоз, таъмин намудани тарзи ҳаёти солим, ки ба нигоҳ доштани тандурустӣ, пешгирии бемориҳо ва тақвияти бадани инсон нигаронида шудааст, ниҳоят зарур аст.

**Махсусан, арзишмандии таҳқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ метавон кард:**

- дар муқаддима дастгоҳи илмии таҳқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;

- тасмим гирифта шудааст, ки таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим дорад;

- дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст;

- муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст;
- маълумоти оморӣ исбот намуд, ки таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи мақсад мебошад.
- методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи таҳқиқотӣ дар ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;
- таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти амалӣ, ки онҳо дар таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоӣ арзишманд хоҳад буд, иброз карда шудааст.

Дар рисолаи номзадӣ муҳаққиқ барои ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузоштащуда, **таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:**
- вазъу ҳолати проблемаи таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ дар назарияи педагогӣ ва амалияи кору фаъолияти МТМУ мавриди омӯзиш қарор додааст;
- таҳқиқотҳои педагогии мавҷуда оид ба проблемаи таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлил намудааст;
- модели таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбати мустақилона истифода бурдани дониш, маҳорату малакаҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим коркард шудааст;
- самтҳои асосии фаъолияти кормандони МТМУ дар фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги тандурустии хонандаи хурдсол муайян гардидааст;

- меъёрҳои тарзи ҳаёти солим, санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии самаранокии низоми таҳияшудаи технологияҳои тиббӣ тарҳрезӣ шудаанд;
- тавсияҳои тиббӣ-педагогӣ барои омӯзгорону волидон оид ба таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим дар хонавода ва МТМУ мавриди коркард қарор ёфтаанд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:**

-муайян шуд, ки ташкили шароити педагогӣ дар муассисаи таълимӣ ҳамчун омили таркибӣ дар таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад;
- хусусиятҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоии МТМУ тадқиқ гашта, имконоти он барои ташаккулёбии сифатҳои шахсияти хонанда дар муҳиту шароити МТМУ асоснок карда шуд;
-шароитҳои педагогӣ ошкор ва ба тарики таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуданд, ки барои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки** таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ бори аввал дида шуда, заминаҳои назариявӣ ва амалии робитаи онҳо баррасӣ гардидааст. Дараҷаи омодагии хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ нисбати тарзи ҳаёти солим тавсиф шуда, асосҳои илмии мундариҷаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян шудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад зарурияти коркард ва истифодаи технологияи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ, муассисаи таълимӣ ва оиларо нишон дода, барои ҳалли мушкилиҳои тандурустии хонандагони хурдсол равиши муассиртареро таҳия ва амалӣ намуда, барои ташаккули тарзи ҳаёти солими насли наврас замина гузорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот тадқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқот ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки раванди тандурустиро ба таври арзишманд идора кунанд ва тарзи ҳаёти солимро дар хонандагони хурдсол ташаккул диҳанд. Боиси зикр аст, ки натиҷаҳои дастрасшуда ва хулосаҳо метавонанд дар раванди омӯзишу парвариш дар МТМУ-и ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор ёбанд.

Муаллиф интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоиширо босамар ба роҳ монда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конфронсу семинарҳо мустақилона фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 5 адади мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд.

Рисолаи илмӣи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ математикӣ ва коррелятсионӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ - психологӣ мебошад.

Аз нуктаи назари мо, рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Ҳарчанд муҳаққиқ "Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020"-ро мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, хуб мебуд, ки дар рисола мазмуни барнома васеътар таҳлил гардида, мавриди таҳия кардани меъёрҳои тарзи ҳаёти солим, заминаҳои назариявӣ ва амалӣ, ташаккули фарҳанги тандурустии хонандаи хурдсол дар асоси талаботҳои барнома ва навовариҳои ба дастовардаи муҳаққиқ дар ин самт пешниҳод мегардиданд.
2. Агар дар боби дуюми рисола мавриди санҷиши озмоишӣ муҳаққиқ кор бо оиларо низ дар таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ворид ва натиҷагирӣ менамуд, аҳамияти илмию амалии онро зиёд мегардонид.
3. Тарҳи рисола тибқи талабот ба навишти рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, аммо ҳаҷми он ба талаботи меъёри навишти он мувофиқ намуданро талаб мекунад.
4. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" дар ҳудуд ва миқёси мавзӯи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои рисолаи илмӣ.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ба мутавои рисолаи илмӣ.**

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмӣро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пурра мувофиқат мекунад. рисолаи илмӣ

**Мувофиқати рисолаи илмӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва уновонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри солим 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,**
**директории Пажуҳишгоҳи рушди маориф**
**ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ** Л.М.Иматзода
**10.09.2021с.**

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Айнӣ, 126. Телефон (+992) 918506318. E-mail: imatoval@mail.ru

Имзои Л.М.Иматоваро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ
ба номи А.Ҷомӣ Ҳакимова Х.